Ми тоз 1
Қ-69

# ҚИССАИ МАРДИ АБЛАҲ ВА ХИРС

6



МЛ тоҷ 1
Қ-69

АЗ СИЛСИЛАИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚИССАИ МАРДИ АБЛАҲ ВА ХИРС

# 6

16122 2/3

Душанбе
«Адиб»
2011

Бозгӯи *Гулназар*
Рассом *О. Шемелина*
Муҳаррир *Фарҳоди Карим*

«Маснавии маънавӣ», ки номи фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҷовидон гардонидааст, дар саросари олам маълуму машҳур аст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи ин асар фармудааст:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***

Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти андешаву афкори худ аз бисёр қиссаву ривоятҳои халқӣ истифода кардааст. Инак, қиссаи шашум.

ISBN 978-99947-2-114-6

© Нашриёти «Адиб», 2011



Марде аз биёбони гарму тасфон мегузашт. Ногоҳ нолае ба гӯшаш расид: «Ёрӣ диҳед!»

Мард ба сӯи овоз давид ва дид, ки аждаҳоре Хирсеро ба комаш фурӯ мебарад. Вай ҷасурона ба аждаҳор дарафтод ва бо як зарбаи шамшер ду тақсимаш кард. Хирси халосёфта сар ба пои мард гузошту гуфт:

– То нафасам ҳаст, гӯш ба фармони туам ва ба ту хизмат мекунам.

Акнун инҳо ҳамеша ҳамроҳ буданд. Хирс мисли саги бовафо аз дунболи мард мерафт. Вақте ки хастагӣ ғалаба мекарду мард барои истироҳат дароз мекашид, Хирс дар сари ӯ рост истода посбонӣ мекард.

Боре як раҳгузар ин ҳолро диду аз он Мард пурсид:

– Эй бародар! Ин Хирс ба ту чӣ мешавад?

Мард қиссаи аждаҳору озод кардани Хирсро ба ӯ нақл кард.

Раҳгузар гуфт:

– Аз аблаҳ дӯстӣ намебарояд. Зуд худро аз ин Хирс озод куну ҷон ба саломат бубар.

Аммо мард аз Хирс аблаҳтар буд, ба сухани насиҳатомези раҳгузар гӯш надод ва ба ӯ гуфт:

– Ин суханҳоро аз рӯи рашку ҳасад мегӯӣ, вагарна чунин Хирси бовафову меҳрубонро касе надидааст.

Раҳгузар гуфт:

– Ман ин суханҳоро аз рӯи дӯстӣ мегӯям. Ту чӣ хел дар сояи Хирси аблаҳ мехобӣ? Ба ҷони худ ҷабр мекунӣ.

Марди аблаҳ якравӣ мекард:

– Ба роҳи худ бирав, эй раҳгузар. Маро аз Хирси меҳрубонам ҷудо карда наметавонӣ.

Раҳгузар ноилоҷ ба роҳаш давом доду Марди аблаҳ бо Хирсаш он ҷо монд. Ҳаво гарм буд.

Хоб бар Мард ғалаба кард ва сар ба рӯи ҷомаи қатъкардааш гузошту ба ғанаб рафт. Атроф пур аз магас буд. Магасҳо ба чашму рӯи Мард ҳуҷум меоварданд ва намемонданд, ки ӯ замоне биёсояд. Махсусан як магаси сиёҳи барзангӣ ҳеҷ аз рӯи Мард дур намешуд. Хирси бечора магасро аз як бари рӯи Мард меронд, вай ба рӯи дигари Мард менишаст, аз бинӣ мегурехту дар пешониаш қарор мегирифт.





Хирс беист магас меронду магас меронд. Ниҳоят, аз ин кори бебарор ба ғазаб омад ва ба худ гуфт: «Акнун очаи зори магасро нишон медиҳам !»

Магаси сиёҳи барзангӣ аз манаҳи Марди масти хоб бархосту ба нӯги биниаш нишаст. Хирс оҳиста хам шуду аз замин як санги калони вазнинро бардошт, магасро нишон гирифт – нишон гирифту якбора бо тамоми қувва ба сараш зад. Магас ҳушёрӣ карду парида рафт. Санги калон ба сари Мард бархӯрд ва ӯ ҷон ба ҷонофарин супорид.

Хирс хушнуд буд, ки хизмати Мардро мекунад. Аммо дар асл Мардро ба он дунё роҳӣ кард. Зеро аз аблаҳ хизмати аблаҳона мерасад.

Китобхонаи [illegible] бачагонаи
Ҷумҳурии [illegible] ба номи
М

**ҚИССАИ МАРДИ АБЛАҲ ВА ХИРС**

*(Барои хонандагони хурдсол)*


Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчин *Ш. Имомназарова*

Ба матбаа 3.08.2011. супорида шуд.
Чопа 8.08.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 1.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$.Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

ООО «Орбита» ш. Душанбе,

9 789994 721146